**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
доктори илмҳои филологӣ, профессор
_____________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«_24_» феврали соли 2023

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи **Шамсова Бибихосият Қудратовна** таҳти унвони **«Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» дар кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – Гадоев Каримҷон Хайруллоевич, н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (собиқ Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 25.10.2018, №3/4-3 тасдиқ шудааст.

Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи мазкурро бо ширкати муқарризони холис – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони русии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Ҳоҷиева Мавҷуда Халиковна баррасӣ ва муҳокима намуд.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Шамсова Бибихосият Қудратовна аз соли 2018 инҷониб унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҳисобида шуда, дар чорабиниҳои илмии кафедра, факултет ва Донишгоҳ пайваста иштироки фаъол дошт. Ҳамзамон унвонҷӯ дар кафедраи забонҳои хориҷии Донигоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият намуда, ба донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ аз забони англисӣ дарс медиҳад.

Диссертатсия дар заминаи нақшаи илмии кафедраи методикаи таълим ва нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии факултети забони англисии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ба иҷро расида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 175 саҳифа рӯи чоп омадааст. Дар диссертатсия 3 ҷадвал ва 6 диаграмма мавҷуд аст ва дар кори таҳқиқот 190 адабиёт ва сарчашмаҳо истифода шудаанд.

Мубрамии таҳқиқотро диссертант дар он муайян месозад, ки забони англисӣ имрӯз забони илм, маориф, технологияҳои инноватсионӣ, забони муносибатҳои байналмилалӣ, нишастҳои сатҳи баланд ва робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дониста мешавад. Ба ҳамин хотир, мутахассисони баландихтисос, рақобатпазир ва ҷавобгӯй ба талаботҳои бозори меҳнат бояд донандаи забонҳои хориҷӣ бошанд. Барои иҷрои босифати фаъолияти касбии худ мутахассисони оянда, мувофиқи стандартҳои мавҷудаи таҳсилот, фаъолияти касбиашонро на танҳо дар дохили кишвар, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ метавонанд пеш баранд.

Ташаккули салоҳияти муоширатӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои мухталифи таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, дар ин раванд зарур аст, ки ба инобат гирифта шавад. Дониши хуби забони англисӣ, салоҳиятҳои касбию муоширатӣ, фонди ғании луғавӣ аз лексикаи касбӣ ва истилоҳоти тахассус ба мутахассисони соҳаи иқтисод имкон медиҳад, ки дар баробари рушди тахассус, инчунин доираи донишҳои худро низ васеъ намоянд.

**Мақсади таҳқиқот** – муайян кардани асосҳои илмӣ-назариявӣ ва коркарду пешниҳоди методҳои муассиртарини таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мувофиқи мақсади гузошташуда **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян карда мешаванд:

1. Омӯзиш ва муайян кардани вазъи кунунии таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои иқтисодии донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Коркард ва истифодаи маҷмӯи машқу супоришҳо аз матнҳои соҳавӣ ҳангоми таълими истилоҳоти иқтисодӣ аз забони англисӣ.

3. Апробатсияи натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

**Соҳаи таҳқиқот:** Мухтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, методҳо, роҳу усулҳо ва воситаҳои пешниҳодшавандаи раванди таълим, инчунин, эътимоднокии донишҳо тавассути ташкилу баргузории озмоиши таҷрибавӣ амалӣ карда мешаванд. Бо ҳамин мақсад дар қисмати амалии кор озмоиши таҷрибавӣ анҷом дода шудааст.

**Таҳқиқот дар се марҳила анҷом дода шудааст:**

- Марҳилаи мукарраркунанда (солҳои 2018-2019)
- Марҳилаи ташаккулдиҳанда (солҳои 2020-2021)
- Марҳилаи ҷамъбастӣ (солҳои 2021-2022)

**Марҳилаи якум** омӯзиши назариявии мавзуи таҳқиқот, таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ ва методологӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқро фаро мегирад.

**Марҳилаи дуюм** масъалаҳои асосии таҳқиқот, асосноккунии назариявии методологияи мавҷудаи ташкили таълими истилоҳоти иқтисодӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар донишкадаю донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

**Марҳилаи сеюм** ба иҷрои корҳои зерин равона шуд: таҳлилу ҷамъбаст ва омодасозии натиҷаҳои марҳилаи татбиқи озмоиш; таҳлили маълумоти ҷамъоваришуда, таҳияи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот; таҳияи хулосаҳои таҳқиқот, мураттабсозии рӯйхати адабиёт ва ба низом овардани матни диссертатсия.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки диссертант аввалин маротиба дар самти методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, соҳаи илми педагогикаи ватанӣ роҳу усулҳо ва методҳои таълими истилоҳоти иқтисодӣ аз забони англисӣ мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст. Зимни пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ нуктаҳои зерин дар доираи мавзуи таҳқиқот ба ҳисоб гирифта шуданд:

- таснифоти истилоҳоти англисии иқтисодӣ бо дарназардошти истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими забони англисӣ таҳқиқ гардид;

- принсипҳои умумидидактикӣ ва махсуси методӣ дар таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

- маҷмӯи машқу супоришҳо вобаста ба таълими истилоҳоти иқтисодӣ коркард ва таҳия гашта, дар рафти озмоиши таҷрибавӣ бо методикаи пешниҳодкардаи диссертант санҷида шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар асоснокии дидактикӣ ва методологии системаи таълими истилоҳоти иқтисодӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ ҳамчун ҷузъи таркибии омодагии касбии мутахассисони муосир арзёбӣ мегардад. Дар диссертатсия усулҳо, равишҳо, принсипҳо ва ғояҳои таълими лексикаи касбии ихтисосҳои иқтисодӣ дар дарсҳои забони англисӣ таҳлил шуданд, ки ба рушди салоҳияти лингвистии иқтисодчиёни оянда мусоидат хоҳад намуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар асоси таҳлили илмии таҷрибаи таълими истилоҳоти касбӣ аз забони англисӣ ва раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонӣ як қатор тавсияҳо оид ба роҳҳои муассир ва ояндадори тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси забондон пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои мӯътамади илмӣ, оморӣ ва сарчашмаҳои чопию электронӣ истифода бурдааст. Диссертант мустақилона масъалаи мавриди

таҳқикро аз ҷиҳати назариявӣ таҳқиқу таҳлил ва баррасӣ намуда, тавассути ташкил кардани озмоиши таҷрибавӣ онро илман асоснок намудааст.

Дар коркарди маводҳои таълимӣ барои қисмати амалии таҳқикот диссертант бо омӯзгорони дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамкорӣ намуда, бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва шароиту муҳити муассисаҳои таълимии мамлакат маводҳои мазкурро мураттаб сохтааст.

Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки методикаи таълими пешниҳодшударо метавон дар амалияи таълими лексикаи махсус, тадриси истилоҳоти хориҷии касбӣ ҳангоми дарсҳои забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонӣ истифода бурд. Инчунин, муҳаққиқони ҷавон имконияти васеъ доранд, ки ҳангоми таҳқиқи масъалаи таълими лексикаи нав, махсус ва истилоҳоти соҳаҳои гуногун аз натиҷаи таҳкиқоти анҷомёфта ҳамчун заминаи илмӣ-назариявӣ васеъ истифода намоянд.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасии таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор мегирад. Фикру ақида, мулоҳиза ва хулосаҳои диссертант асоси илмӣ дошта, ба талаботҳои тахияи диссертатсияҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Б.Қ. Шамсова кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шуда, натиҷаҳои он ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯ мебошад. Мазмуну муҳтавои автореферат ва мақолаҳои илмии дар нашрияҳои тавсияшуда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, Паёми донишкадаи забонҳо, (3 мақола) ва дигар маҷаллаю нашрияҳои илмӣ чопшуда (10 мақола) ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунанд.

**А) Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М] Шамсова Б.Қ.** Махсусияти таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонӣ / Б.Қ. Шамсова [Матн] // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №7. – С.321-326.

**[2-М] Шамсова Б.Қ.** Методҳои муосири таълими истилоҳоти иқтисодӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ / Б.Қ. Шамсова [Матн] // Паёми донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №3(43). – С. 141-149.

**[3-М] Гадоев К.Х., Шамсова Б.Қ.** Хусусиятҳои ташаккули салоҳияти лексикӣ ҳангоми таълими забони англисӣ / Б.Қ. Шамсова, К.Х. Гадоев [Матн] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4(14). – С. 212-219.

**Б) Мақолаҳои илмии дар дигар маҷаллаҳо рӯйи чоп омада:**

**[4-М] Гадоев К.Х., Шамсова Б.Қ.** Истилоҳоти касбӣ ва мавқеи онҳо дар таълими забонҳои хориҷӣ / Б.Қ. Шамсова, К.Х. Гадоев [Матн] // Актуальные вопросы преподавания и изучения языков в современном поликультурном и

полилингвальном образовании: материалы международной научной конференции.АТТ. – Душанбе, 2018. – С. 230-235.

**[5-М] Шамсова Б.Қ.** Истифодаи нави таълим бо технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ / Б.Қ. Шамсова [Матн] // Паёми ДТТ №2(4) 2019. – С. 94-100.

**[6-М] Шамсова Б.Қ.** Зарурияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ талаботи замон аст / Б.Қ. Шамсова [Матн] // Актуальные вопросы филологии и методики преподавания языков. – Душанбе, 2020. – С. 56-58.

**[7-М] Шамсова Б.Қ.** Комплекс упражнений для формирования профессиональной лексической компетенции студентов / Б.Қ. Шамсова [Матн] // Афзалиятхои ракобатии иктисоди миллӣ хангоми гузариш ба модели навини рушди иктисодӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (24-25 апрели соли 2020) Қисми 2. – Душанбе, 2020. – С. 325-328.

**[8-М] Шамсова Б.Қ.** Методҳои омӯхташуда оиди забономӯзӣ / Б.Қ. Шамсова [Матн] // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (20-21 ноябри 2020). – Душанбе, 2020. – С. 169-173.

**[9-М] Шамсова Б.Қ.** Таълими истилоҳот ва методҳои омӯзиш дар соҳаи забонҳои хориҷӣ / Б.Қ. Шамсова [Матн] // Паёми ДТТ. №1 (7) 2021. – С.108-113.

**[10-М] Шамсова Б.К.** Формирование экономической терминологии в русскому английском языках на современном этапе / Б.К. Шамсова [Текст] // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ таҳти унвони "Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот" (24.12.2021). – Душанбе, 2021. – С.127-130.

**[11-М] Гадоев К.Х., Шамсова Б.Қ.** Ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён ҳамчун проблемаи методӣ дар таълими забони англисӣ / Б.Қ. Шамсова, К.Х. Гадоев [Текст] // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ "Таҳкикоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир". Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Ҷомӣ. – Душанбе, 2021, С. 80-84.

**[12-М] Шамсова Б.Қ.** Қоидаву конуниятҳо дар раванди омӯзиши забони англисӣ / Б.Қ. Шамсова [Текст] // Паёми ДТТ №1 (09). 2022. – С.151-158.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иктисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Таҳқиқоти диссертатсионии Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-047-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 18 нафар аъзои Шурои олимони факултет 17 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабабҳои узрнок иштирок надошт.
**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – **17 нафар**, муқобил – **нест**, бетараф – **нест**.
Суратҷаласаи №7, аз 24 феврали соли 2023

**Раиси Шурои олимони факултет:**
н.и.ф., дотсент, декани факултети
забони англисии ДБЗХТ
ба номи С. Улуғзода — Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

**Муқарризон:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, директори КМТ — Файзализода Ҷумахон Хол
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забони русии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Ҳоҷиева Мавҷуда Халиковна

**Котиби Шурои олимони факултет:**
номзади илмҳои филолгӣ, дотсенти
кафедраи филологияи англиси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Мансурова Рухшона Умархуҷаевна

Имзоҳои З.М. Мусоямов, Ҷ.Х. Файзализода,
М.Х. Ҳоҷиева ва Р.У. Мансуроваро тасдиқ мекунам,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj